# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2025. – 268 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия бо ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, аз рӯи мундариҷа, мавзуъ ва самти илмии худ ба хусусиятҳои ихтисоси академӣ пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад. Чихеле ки маълум мегардад таъмини тартиботи ҷамъиятӣ меъёри конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, давлатро мебояд, ки бо ҳар роху воситаҳои самарабахш кафолати онро таъмин намояд. Яке аз роҳҳои асосии дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян намудани талабот оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин истифодаи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар як вақт ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса, ташкилотҳо ва шароити арзандаи ҳаёти шаҳрвандони давлат мусоидат менамояд.

Таҳлили адабиёт ва дигар маъхазҳои илмӣ ва таърихии таҷрибаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳар давру замони гузашта ва ҳозира дарак медиҳад, ки танҳо бо истифода аз қувва ва имкониятҳои сохторҳои дахлдори давлатӣ тартиботи ҷамъиятиро дар сатҳи лозимӣ (воло) таъмин кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, аҳолӣ (шаҳрвандон) ҳамчун қувваи иловагии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ барои мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда мешаванд.

Ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон, бахусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз як тараф пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандиро мустаҳкам ва аз тарафи дигар иштироки шаҳрвандонро дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ тақвият мебахшад, ки бо ин восита аҳаммияти демократӣ ва ҳуқуқбунёдии давлат тарғиб мешавад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки баъди ба эътидол овардани вазъият, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои аввали истиқлолият ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифта буд, мебоист, ки бо ҳар роҳи самаранок тартиботи ҷамъиятӣ ҳифз ва ҳукмфармо мегардид. Ҳамчунин, чораандешиҳо ҷиҳати мустаҳкам намудани пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар амал ҷорӣ кардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ислоҳоти милитсия тақозо дорад, ки шаклу усулҳои тафриқавии ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ ва шаҳрвандон бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ ба роҳ монда шавад. Дар партави ин гуфтаҳо бояд қайд намоем, ки яке аз ҳадафҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвияти фаъолият дар самти ҳамкории милитсия бо ҷомеа ташкил менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани қонунҳо «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», стратегия ва барномаҳои ислоҳоти милитсия, Низомнома дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ ва дастёрони ихтиёрӣ, аҳаммият ва зарурати иштироки шаҳрвандонро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тақозо ва зиёд мегардонад.

Дар раванди ҳамкории милитсия бо ҷомеа ду ҷанбаи муҳимме, ки ҳадафҳои стратегии ислоҳоти милитсияро ташкил менамоянд, ошкор мегардад:

- баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии корманди милитсия ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ;
- хизматрасонии сатҳи баланди милитсия ба ҷомеа.

Аммо, таҳқиқотҳои илмии қаблан анҷомдодашуда, муқарраротн кунунии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ дарак медиҳад, ки кор дар самти мазкур то ҳадди зарурӣ таҳқиқи илмӣ нашуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил ва фаъолияти амалии мақомоти салоҳиятдори соҳавӣ тақвият бахшиданро тақозо доранд. Махсусан, номуайянии субъектони асосӣ ва иловагии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар сатҳи қонун, механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти байни онҳо, нокифоягии меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба танзими таъмини ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, номуайянии самтҳои асосии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва таснифи онҳо аз рӯи самтҳои алоҳидаи фаъолият дар сатҳи қонунгузорӣ, аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ мавҷудияти фарқият дар ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияткунанда ва дигар масоили ҳалталаби соҳавӣ таҳқиқи илмии мавзуи рисоларо тақозо дорад.

Илова ба ин, бо мақсади дар амал ҷорӣ кардани ҳадафҳои стратегии ислоҳоти милитсия роҳандозии чорабиниҳои аҳаммияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ аз аҳаммият холӣ нест, ки рисолаи диссертатсионии тақризшаванда низ маҳз дар масоили ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ анҷом дода шуда, истифодаи нукта, хулоса ва натиҷаҳои он дар оянда дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдор пешбинӣ мегардад. Бинобар гуфтаҳои боло, мубраммӣ ва аҳаммияти таҳқиқи илмии мавзуи диссертатсия баҳснопазир аст. Натиҷаҳои рисола барои пурра гардонидани норасогиҳои назариявӣ ва меъёрии мавҷуда нигаронида шудааст ва ба ниёзҳои кунунии рушди қонунгузории соҳавӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ҷавобгӯй мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нававарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин таҳқиқоти илмии ҳамаҷониба ва системавӣ дар соҳаи илм ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ба ҳисоб рафта, дар он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ тибқи ду барномаи давлатии ислоҳотии милитсия (барои солҳои 2014-2020 ва 2021-2025) дар шароити Тоҷикистони муосир анҷом дода шудааст.

Дар доираи таҳқиқот, муаллиф натиҷаҳои нави илмии зеринро ба даст овард:

1) мафҳуми ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои тавсифкунандаи онро пешниҳод намуд, ки ҷиҳати истифода бурдан дар таҳқиқотҳои илмии оянда, таҳияи роҳнамои амалӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дастгирӣ меёбад;

2) омилҳои (мушкилоти) ҷойдоштаи костакунандаи ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандиро дар шаклҳои объективӣ ва субъективӣ муайян намуд, ки роҳандозии чорабиниҳо оид ба бартараф намудани онҳо ба воқеан амалӣ гардонидани талаботи Барномаи ислоҳоти милитсия дар самти тақвияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа мусоидат менамоянд;

3) дар асоси пешниҳоди таърифи муаллифии шакли ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, зарурат оид ба таснифи шаклҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятиро вобаста ба хусусияти ошкорогӣ ва махфият, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъйиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, асоснок намуда, ҷиҳати дар сатҳи қонун ба расмият даровардани ин таснифот таклифу пешниҳодҳо манзур намуд;

4) бо дарназардошти таърифи муаллифии ҳисоботдиҳии мақомоти корҳои дохилӣ дар байни аҳолӣ, хусусиятҳои мусбии тавсифкунандаи онро аз лиҳози назариявӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва фаъолияти амалӣ баррасӣ намуда, чорабинии мазкурро ҳамчун яке аз маҳаки асосии баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматии нозири минтақавии милитсия пешниҳод кард;

5) бо дарназардошти омӯзиш, таҳлил ва баррасии таҷрибаи пешрафтаи соҳавии давлатҳои хориҷӣ ва моделҳои намунавии истифодашаванда оид ба ташкили ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, имконияти татбиқи онҳоро дар шароити кунунӣ ва дурнамои фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он баҳри тақвияти фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан, дар ташкили ҳамкории ин ду ниҳод оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, сатҳи навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро бояд баланд арзёбӣ кард. Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин як самти мустақили таҳлили илмиро дар соҳаи ҳифзиҳуқуқии кишвар муқаррар мекунад. Он бо аслияти хулосаҳои назариявии худ фарқ мекунад ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи дорои аҳаммияти амалии назаррасро барои рушди минбаъдаи илм ва соҳаи

ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳавӣ дар бар мегирад.

**Сатҳи таҳқиқоти мавзуъ.** Масъалаи ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҳамчун илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол кам омухта шудааст. Тадқиқотҳои илмии мавҷуда отатан ба ҷанбаҳои алоҳидаи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар иҷрои вазифаҳои ҳокимиятӣ (давлатӣ), ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар субъектон дар муқовимат ба ҷинояткорӣ, танзими маъмурӣ-ҳуқуқии ҳамкории милитсия бо ҷомеа нигаронида шудаанд. Гузашта аз ин, масоили ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар партави ислоҳоти милитсия дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор дода нашудааст.

Дар айни замон, бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои ҷамъиятии назди худро (дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон) таъсис дода, бо онҳо ҳамкорӣ менамояд ва нашрияҳои илмию оммавӣ дар шакли қисм-қисм оид ба ҳамкории мазкур маълумот медиҳанд, аммо таҳлили муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарак медиҳад, ки ниҳодҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолият аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ доранд. Бинобар ин, наметавон нашрияҳои болозикрро маҳз таҳқиқоти илмию оммавӣ оид ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ намуд.

Бояд зикр намуд, ки тадқиқоти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда, бахусус, моделҳои намунавии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби олимону мутахассисони давлатҳои хориҷӣ нисбат ба намояндагони илми ватанӣ дар пешрафт қарор дорад. Аз ин рӯ, вазъи ҷойдошта воқеан тақозо менамояд, ки ташкили фаъолият оид ба ҳамкории мақомоти корҳои

дохилӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда шавад, аммо, равишҳои таҳияшуда наметавонанд, ки мустақиман дар дохили низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни мутобиқсозии мувофиқ, бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузорӣ ва амалияи ҳифзи ҳуқуқ татбиқ карда шаванд.

Дар ин робита, тадқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин бо пешниҳоди таҳлили ҳамаҷониба ва системавии **асосҳои** назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ норасогии илмии мавҷударо пур мекунад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки корро аз ҷиҳати илмӣ муҳим ва барои рушди минбаъдаи илм ва соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммиятнок арзёбӣ намоем.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисола мантиқӣ ва мувофиқ буда, ба ҳадаф ва вазифаҳои зикршудаи таҳқиқот асос ёфтааст. Бар асоси ин, рисола аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт, рӯйхати корҳои илмии номзад ва замимаҳо иборат аст. Як боб мустақил буда, ба зербобҳо ҷудо нашудааст, ду боби дигар сохторӣ буда, дар маҷмуъ панҷ зербоби мустақилро дар бар мегиранд, ки ин ба масъалаҳои мушаххаси назариявӣ ва амалии онҳо вобаста аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 268 саҳифа мебошад.

Дар муқаддима муаллиф мавзуи рисола ва дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуи илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои меъёрӣ, эмпирикӣ, навгониҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро баён намудааст. Ҳамчунин, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи рисола, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввал ба таҳлили асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бахшида шудааст. Дар он масоили муҳимми мавзуи таҳқиқшаванда аз лиҳози ақидаҳои назариявӣ ва танзими ҳуқуқӣ, бахусус, муқаррароти қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии онҳо баррасӣ гардида, бар асоси таҳлил, таърифи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои соҳавӣ ва хусусияти тавсифкунандаи онҳо пешбинӣ ва норасогию пароканда будани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ исбот шудааст. Натиҷаҳои дар ин боб бадастомада асоси назариявиро барои таҳқиқоти минбаъда оид ба таҳлили ҷанбаҳои амалии ташкили фаъолият дар соҳаи ҳифзиҳуқуқӣ (аз рӯи мавзуи таҳқиқшаванда) фароҳам меоранд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҷрибаи амалии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Дар он нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мазкур ва таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ баррасӣ гардида, мушкилоти асосии танзими ҳуқуқӣ ва амалияи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ муайян ва роҳҳои ҳалли имконпазир таҳлил ва пешниҳод карда мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия хусусияти умумӣ ва амалӣ дорад. Он ба дурнамои такмили танзими ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Боби мазкур мушкилоти дар рафти таҳқиқот муайяншударо ба низом медарорад ва дар асоси онҳо пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшударо таҳия

мекунад, ки ба бартараф намудани камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва таъмини кафолати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аъзоёни онҳо, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд, нигаронида шудаанд.

Дар бахши ниҳоии диссертатсия натиҷаҳои тадқиқот дар ҳамаи бобҳо ҷамъбаст гардида, хулоса ва тавсияҳои амалии барои рушди минбаъдаи илмӣ ва соҳаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқӣ мувофиқ таҳия шудаанд. Хулоса ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда натиҷаи тадқиқоти бобҳои диссертатсия буда, метавонанд, ки дар бартараф намудани мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти амалии соҳавӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ дар байни мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ истифода гарданд.

Дар бахши ниҳоии диссертатсия ҳамчунин, замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) пешбинӣ гардидаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро зиёд мегардонанд.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия бо ҳамоҳангии мантиқии дохилӣ ва пайдарпайии пешниҳод тавсиф шуда, пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои зикршудаи таҳқиқот мувофиқат мекунад ва мундариҷаи кор навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии онро ба таври кофӣ инъикос мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола.** Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва дигар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ташкил менамоянд, ки фаҳмиши илмиро дар бораи шакл, усул ва механизми баамалбарории ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа, бахусус, бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, имконияти истифодабарӣ ва хусусиятҳои мутобиқгардонии истифодаи таҷрибаи моделҳои намунавии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа дар фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда дар доктринаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардида, барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назариявиро фароҳам оранд.

Аҳаммияти амалии ин кор дар татбиқи эҳтимолии хулоса, тавсияҳои амалӣ ва пешниҳодҳо ба такмили қонунгузорӣ, дар фаъолияти амалӣ оид ба ташкили ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа, такмили қонунгузории соҳавии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, омода кардани маводи таълимӣ ва дар раванди таълим дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои олии таълимӣ, бахусус, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ ва зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иқтисодии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он нишон дода мешавад, ки тақвият бахшидан ба ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дар ин замина ҷалби бештари шаҳрвандон дар иҷрои вазифаҳои ҳифзиҳуқуқии кишвар зарурат оид ба зиёд намудани воҳидҳои кории ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилиро бо мақсади иҷрои вазифаҳои ҳифзиҳуқуқӣ истисно намуда, сарбории кормандони мақомотро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматӣ коҳиш медиҳад ва ба ин восита хароҷоти барзиёди моддии марбут ба ташкили чорабиниҳо оид ба ҳифз ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кам гардида, дар маҷмуъ ба истифодаи самараноки захираҳои моддии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, мақомоти корҳои дохилӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур бо таваҷҷуҳи он ба таъмини ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон, эҳёи ҷомеаи бехатар, мустаҳкамкунии пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ, кафолати таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ, бахусус, дар самти фаъолияти ҳифзиҳуқуқии давлат, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидаткунанда, баланд бардоштани сифати иҷрои талаботи қонунгузорӣ ва эътимоди ҷомеа ба мақомоти корҳои дохилӣ, муайян карда мешавад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия.** Дар мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр гардидааст. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ-методӣ ба нашр расонида шудааст, ки диссертант ба онҳо ҳаққи муаллифӣ дорад.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин бо номи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», аз рӯи мундариҷа, сатҳи тадқиқоти илмӣ, сохтор ва пешниҳодҳои манзургашта ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия ва пешниҳоди он ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферати рисола ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Сарфи назар аз аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии диссертатсияи пешниҳодкардаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин, ин кор аз баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳсбарангез холӣ нест, ки муаллиф бояд ба онҳо таваҷҷуҳ намояд. Аммо, инҳо сатҳ ва сифати умумии илмии таҳқиқотро паст намекунанд, балки баръакс, имкониятҳоро барои таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи мавзуи тадқиқот фароҳам меоранд.

**1.** Дар пешниҳодҳо оид ба ҳимоя (банди 2), ки натиҷаи таҳлил ва баррасии мавзуи зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия мебошад,

мафҳуми муаллифии «шакли ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бо чунин тарз манзур гардидааст: «Шакли ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин тарзи ифодаи амали берунӣ ва таъсири мутақобилаи мақсадноки байни мақомоти корҳои дохилӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки механизми баамалбарории он бо тарзу усулҳои ҳуқуқӣ ва иҷозатдодашуда муайян мегардад». Муаллиф дар зербоби зикршуда ва қисматҳои дигари рисолаи диссертатсионӣ талаботи қонунгузориро оид ба танзими шаклҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баррасӣ намудааст, ки аз тарзу усулҳои ҳуқуқии ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар байни ин ниҳодҳо дарак медиҳад. Аммо, оид ба тарзу усулҳои иҷозатдодашуда, ки моҳияти онҳо аз чи иборат аст ва дар асоси онҳо ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чи гуна ба роҳ монда мешавад, инчунин, ҳадди иҷозат ва истифодабарии онҳо дар фаъолияти амалӣ маълумоти дахлдор пешбинӣ нагардидааст.

**2.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» анҷом дода шудааст. Аммо, дар матни зербоби аввали боби якум (саҳ. 36-37) муаллиф оид ба номуайянии низоми субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҳисоби мақомоти давлатӣ муҳокимаронӣ намуда, ҳамчунин дар боби сеюм асоснокӣ ва лоиҳаи тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»-ро дар таҳрири: «Моддаи 6 (1). Мақомоти давлатии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» пешниҳод кардааст. Муносибати мазкури муаллиф дар таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ агар, аз як ҷониб ба таври пурра ва мукаммал баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз лиҳози дигар ба назар менамояд, ки аз таҳлили мавзуи асосӣ каме дар канор мондааст.

**3.** Дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, дар қисмати хулосавии он (банди 6) чунин хулоса пешниҳод карда шудааст: «Бо мақсади танзими фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки айни замон ба мақомоти давлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд ва дурнамои ташкили фаъолияти онҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқ, пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар қатори шаклҳои дастаҷамъонаи муайянгардидаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин, меъёри алоҳида оид ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар самти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияткунанда ҳамчун яке аз шаклҳои алоҳидаи дастаҷамъонаи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ карда шавад». Аммо, аз таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бар меояд, ки шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба тариқи дастаҷамъона дар шаклҳои «шуроҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ ва шуроҳои собиқадорони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» пешбинӣ карда шудаанд. Ниҳодҳои ҷамъиятии мазкур аз нигоҳи мо бо шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд. Аз ин рӯ, мақсади муаллиф оид ба пешниҳоди зикршуда норавшан мемонад.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти баҳснок доранд ва дар маҷмуъ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд ва метавонанд, ки аз ҷониби муаллиф барои амиқтар ва рушди минбаъдаи мавзуъ баррасӣ карда шаванд.

Умуман, рисолаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти

прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст, дорои сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ мебошад. Он ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо «Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов И.Т.

«16» 02 2026 с.

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 735000 (ш. Душанбе, кӯчаи Буни ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 5, утоки корӣ 512, 518. Телефон: (992) 93-504-43-52., E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

Имзои "Маҳмудов И.Т."-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

«16» 02 2026 с.

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734025 (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.). Телефон: (372) 21-77-11, E-mail: info@uef.tnu.tj